**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара н.и.т., д.и.п.
______________Шоҳиён Н. Н.
«_01_» _02_______________с.2023.

**Хулосаи**

Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи фанҳои гуманитарӣ Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишави дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11. – Фалсафаи иҷтимоӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Сиёсишави дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» дар кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11. – Фалсафаи иҷтимоӣ иҷро шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарии факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 16.11.2022, №4 гузаронида шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11. – Фалсафаи иҷтимоӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти

диссертатсионӣ ба сарҳати 9-и “Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” иртибот дошта, масъалаи сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳимми он дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Аз ҷумла, масъалаи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи сиёсишавии дин, омилҳо ва заминаҳои ба амал омадани сиёсишавии дин, омилҳои сиёсӣ ва таърихии сиёсишавии дин, пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ, инкишофи ифротгароии динӣ ва сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ карор дода шудааст.

Дар шароити имрӯзаи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар олам ҳоли мушкил қарор дошта, масъалаи сиёсишавии дин ва таъсири он ба вазъи сиёсӣ, иҷтисодӣ, иқтимоӣ ва фарҳангӣ низ таъсири манфии худро мерасонад.

Аз ин рӯ, масъалаи сиёсишавии дин дар шароити имрӯза боз ҳам мураккабу мубрам гардида, аз доираҳои илмӣ, институтҳо, ниҳодҳои дахлдор ва олимону муҳаққиқон тақозо менамояд, ки масъалаи сиёсишавии динро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, роҳҳо ва воситаҳои бартараф намудани таҳдидҳои эҷоднамудаи сиёсишавии динро муайяну мушаххас намоянд. Зеро, ки имрӯз бо сиёсишавии дин дар ҷомеаи муосир ҳизбу ҳаракатҳои ифротии тундгаро пайдо гардида, монеи рушди босуботи ҷомеа шудааст.

Дар шароити имрӯза омӯзиши сиёсишавии дин аз он хотир актуалӣ мебошанд, ки масъалаи омӯзиши ҳодисаҳо ва падидаҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҷомеа мураккаб гардида, таҳлили воқеӣ ва баҳои объективиро талаб дорад. Аз ҳар ҷиҳат масъалаи сиёсишавии дин пурпечутоб ба назар расида, ба таври стихиявӣ амал намуда истодааст. Аз ин рӯ зарурати ошкор намудани омилҳои асосии сиёсишавии дин ё диннишавии сиёсат ошкор карда шуда, бо

ин раванд муносибати ҷиддӣ ва объективӣ ба роҳ мондан, зарурат пайдо намуда истодааст. Яке аз ин гуна масъалаҳо, ки дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ мубрам ва зарурӣ эътироф мешавад, сиёсишавии дин ва хосиятҳои асосии он мебошад.

Инкишофи давлатҳо дар шакли давлати дунявӣ ва ифодаёбии ҳокимият дар шакли низоми демократӣ омӯзиши масъалаҳо ва равандҳои ба онҳо таҳдидоварро муҳим гардонидааст. Дар ҷомеа ва давлатҳои муосир, ки либералӣ ва демократӣ таъриф мешаванд, ҳама гуна равандҳои сиёсии монеъшавандаи рушди онҳо бояд аз ҷиҳати илмӣ дақиқ баррасӣ карда шаванд. Ҳамзамон муносибати дуруст ва академикӣ бо онро байдо намудан лозим шуморида, таҳдидҳо ва хатарҳои он муайяну мушаххас карда шаванд.

Боиси зикри хос аст, ки дин ва сиёсат ҳамеша бо ҳам иртиботи зич доштанд. Аз ин рӯ, навовариҳо ва тағйиротҳои диниро берун аз манзараи сиёсии ҷомеа дарк кардан ғайриимкон аст ва арзёбии рӯйдодҳои сиёсӣ бе назардошти таъсири дин ба чараёни онҳо низ номумкин мебошад. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат яке аз тамоюлҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи сиёсат ва дин дар олами муосир аст. Сиёсигардонии дин аксаран дар шаклҳои мухталиф зуҳур пайдо мекунад. Он як навъ майлон ва дараҷаи рӯоварии ходимони динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ дар фаъолияти сиёсӣ, раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, ташаккули дараҷаи маънавиёт ва шуури сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Динигардонии сиёсат бошад ҳолатеро мефаҳмонад, ки сиёсатмадорон омилҳо ва унсурҳои диниро дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеа ба назар мегиаранд. Метавон ҳолати мазкурро як тарафи тамоюли релятивизми инкишофи ҷомеа дар раванди инкишофи ҷомеа донист. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат дар тӯли таърих омезиш меёфтанд. Имрӯз дар шароити ҷаҳони дунявӣ, ҳамкории дин ва сиёсат на танҳо қатъ нашудааст, балки шаклҳои нав пайдо карда истодааст.

Сиёсишавии дин аз дараҷаи баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасониву истифодабарии ду падида – сиёсат ва дин вобастагии калон дорад. Ҳамкории

ҳаёти динӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ яке аз мушкилоти муҳим дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври васеъ, омили динӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар гузашта ба таври васеъ зоҳир мешуд.

Дар ҳамин асос, дар шароити инкишофи давлатдории дунявӣ раванди сиёсишавии дин ҳамчун омили таҳдидбарангез ва хатарзо ба амнияти миллӣ эътироф мегардад. Таҷрибаҳо низ ин фикрро тасдиқ намудаанд. Неруҳои радикалӣ бо истифода аз ниқоби дин мехоҳанд маҳбубияти мардумро ба худ ҷалб намуда, ҳокимияти давлатиро ғасб намоянд ва амнияту ваҳдат ва оромиро аз ҷомеаҳои миллӣ аз байн баранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолат рӯх додааст. Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ кӯшишҳои неруҳои оппозитсионӣ бо истифода аз ниқоби дин ба таври радикалӣ ва террористиву экстремистӣ фаъолияти худро амалӣ намуданд ва кӯшиши соҳиб гаштан ба ҳокимият ва қудрати сиёсиро ба амал баровcovered. Дар шароите, ки сиёсишавии дин миқёси худро васеъ мегардонад ва ба давлатҳои дорои сохтори дунявӣ мустақиман таҳдид мекунад, омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккулёбии ин зуҳроти номатлуб хеле муҳим мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият то ба имрӯз таҳдиду хатари сиёсишавии дин хеле бузург аст.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия маълум гардид, ки дар кор як қатор навовариҳои илмии таҳқиқот мавҷуд мебошад:**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки вазъи коркарди илмии мавзуъ муайян шуда, ба он асос меёбад, ки дар он бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи раванди сиёсишавии дин ҳамчун раванди сиёсии манфӣ дар инкишофи ҷомеаҳои миллӣ аз ҷумла ҷомеаи миллии тоҷикистонӣ, хусусиятҳои муҳими он дар шароити муосир дар шакли васеъ ва бо фарогирии як кори таҳқиқотии илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқик қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми ин раванд нишон дода шудааст. Бандҳои алоҳидаи навгонии илмиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

- дар заминаи таҳлилу таҳқиқи адабиёти илмӣ моҳият, хусусиятҳои муҳими сиёсишавии дин нишон дода шудааст;
- сабабҳо ва заминаҳои ташаккулёбии сиёсишавии дин дар шароити муосир нишон дода шудаанд;
- дар заминаи омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба сиёсишавии дин таъсири омилҳои хориҷӣ ба зуҳури ин падида таҳқиқ гардидааст;
- раванди пайдоиш ва рушду инкишофи сиёсишавии дин ҳам дар маҷмуъ ва ҳам дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардида, марҳилаҳои асосии ташаккулёбии он бо назардошти омилҳои сиёсӣ ва қонуниятҳои таърихӣ нишон дода шудаанд;
- шаклгирии ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ, хусусияти террористиву экстремистидошта дар заминаи авҷ гирифтани раванди сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, хусусиятҳои муҳимми онҳо муайян карда шудаанд;
- омилҳои таъсиррасон дар пайдоиш ва ҷоннок гардидани ин раванд таҳлилу баррасӣ гардида, дурнамои рушди принсипи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ ва суботи сартосарии ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия бо маҳорати баланди илмӣ ва эҷодӣ таълиф гардида, ба талаботи навишти диссертатсияи номзадӣ мутобиқат менамояд ва маълум мегардад, ки кори диссертатсионӣ кори мустақилона анҷомёфта ҳисобида ва ба талабот пурра ҷавобгӯ мебошад. Автореферат ва 6 мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 3 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 тои дигар дар маводи конференсияҳои сатҳҳои гуногун интишор гардидаанд:

## ИНТИШОРОТИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**
**Феҳристи интишороти имии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ**

[1-И].Исмоилов М.И.Сиёсишавии дин: муносибати назариявӣ ва консептуалӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ № 7. – Душанбе, 2022. - С. 282-288. **ISSN 2413-5151;**

[2-И]. Исмоилов М.И. Масъалаҳо ва заминаҳои пайдоиши созмонҳо ва ҳаракатҳои динию сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ № 11. – Душанбе, 2022. - С. 301-307. **ISSN 2413-5151.**

[3-И]. Маҳмадизода Н.Д., Исмоилзода М.И. Таърихи омилҳои беруна ба раванди сиёсишавии дин №4. – Душанбе, 2023.- С. 149-156. ISSN 2074-1847. №4 аз 2023с.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд**

[1-И]. Исмоилов М.И. Намудҳои асосии терроризми муосир ва моҳияти реаксиони он// Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ”. Данғара, 19-20 апрели соли 2019. С.287.

[2-И]. Исмоилов М.И. Сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба амнияти милли мамлакат // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир”. ш.Душанбе, 26 октябри соли 2022. С.201.

[3-И].Исмоилзода М.И., Муллоботур М. Ташаккули маърифати идоракунии ҷавонон дар шароити Тоҷикистони муосир: масъалаҳо ва пешомади инкишоф // Самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯи маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2022). – Душанбе. Матбааи АИДНПҶТ, 2022. С.218-224.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиккунандаи татбики натиҷаҳои илмӣ дар истехсолот ё имконияти татбик намудани онҳо. Мухтавои**

диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Данғара мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Рисола дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Аз рӯи мавзуи диссертатсия, дар маҷмӯъ 6 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шуда, 3 фишурдаи мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳо чоп гардидаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқотро дар вақти навиштани мақолаҳо, таълифи рисолаҳои илмӣ дар мавриди таҳқиқи масъалаҳои сиёсишавии дин, диннишавии сиёсат, таъсири манфии раванди сиёсишавии дин, фаъол гардидани гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва муқовимат бо онҳо, ташкилотҳои террористӣ ва маводи методӣ метавон истифода намуд.

Кори таҳқиқотии муаллиф ба рушди илмҳои фалсафӣ мусоидат намуда, дар рушди илми ватанӣ нақши муҳим мебозад. Махсусан барои омода намудани маводҳои таълимӣ ва методии фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи дин, диншиносии илмӣ, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ истифода намуд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар «Сиёсишави дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11. –

Фалсафаи иҷтимоӣ барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 28.01.2023, №6 қабул шудааст.
Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор» - 18 нафар;
«муқобил» - нест;
«бетараф» - нест.
Протоколи №6- аз 28 уми январи соли 2023.

**Раисикунанда:** раиси **Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара, н.и.ҳ., доктори илмҳои сиёсӣ** Қозиён Ш.Қ.

**Ташхисгарон:**
Номзади илмҳои фалсафа, и.в.дотсенти кафедраи Фанҳои гуманитарии МДТ Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов К.Ҷ.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хисрав Пиров А.К.

**Котиби ҷаласа:**
Омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара Муллоботур М.

Имзоҳои Азизов К.Ҷ. ва Муллоботур М.- ро тасдиқ менамоям
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷабборӣ Н.Ҷ.

Имзои н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа Пиров А.К.-ро тасдиқ мекунам
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Шукурзода Ҷ.А.

Нишонӣ: 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail:dddangara_2013@mail.ru